# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Давлатов Миралӣ Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**

Рисолаи номзадии Давлатов Миралӣ Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» ба мақсади муайян кардани маҷмуи заминаҳои педагогӣ барои такмили муоширати педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо мактаббачагони хурдсол бо намунаҳои рафтори мусбӣ таълиф гардидааст.

Вазифаҳои зерини таҳқиқот муайян ва ҳал карда шудаанд:

– омӯхтан ва ба низоми муайян даровардани маълумоти илмӣ оид ба масъалаи муоширати педагогӣ дар адабиёти фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ;

– дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ таъмин намудани ҳамгироии маҳорати касбӣ ва муоширати педагогӣ бо мақсади дар амал татбиқ намудани ин қобилиятҳо зимни корҳои таълимию тарбиявӣ;

– истифода намудани маҳорат, таҷриба ва малакаҳои андӯхташуда аз ҷониби омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ оид ба муоширати педагогӣ бо мактаббачагони хурдсол;

– кор карда баромадан ва дар амал татбиқ намудани барномаи муоширати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ бо мактаббачагони хурдсол;

– муайян намудани ҷараёни тағйирёбии маҳорати муоширати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба мақсади муайян кардани дараҷаи касбияти донишҷӯён;

– аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани роҳбарии дурусти педагогӣ ба ташаккули муошırати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ бо мактаббачагони хурдсол.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои фарҳанги муошират дар таҳқиқоти олимони тоҷик М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, Г.Ҳоҷиматова, И.Х.Каримова, А.Мирализода, А.Нуров, Қ.Қодиров Б.Маҷидова, Ш.Шаропов, Ф. Гулмадов, С.С.Мирзоев, И.Ғуломов ва дар асарҳои олимони рус А.А.Бодалев, В.А.Кан- Калик, Б.Ф.Ломов, А.В.Мудрик, В.Н.Мясишев ва дигарон инъикос ёфта, таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Дар асарҳои М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, А.Мирализода, А.Нуров, Қ.Қодиров, Б.Маҷидова, М.Р.Будякина, Е.Р.Зеер, Г.И.Мелникова, Л.М.Розенберг, Д.Д.Розенберг, А.А.Русалинова баёни мунтазами назария ва амалияи мутобиқсозии мутахассисони ҷавон ба МП бо хонандагон пешниҳод шудаанд. Муҳаққиқон З.А.Милославова Сахно, М.А.Славин, М.И.Скублий, С.В.Овдеев масъалаҳои гуногунии мутобиқшавии иҷтимоиро таҳқиқ кардаанд.

Заминаҳои иҷтимоӣ-педагогӣ ва психологии ташаккули касбии мутахассисони ҷавон дар низоми маориф дар асарҳои М.Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, А.Мирализода, А.Нуров, Қ. Қодиров, Б.Маҷидова, С.Г.Вершловский, Ю.Н.Кулюткин, Л.Н.Лесохинов, А.К. Маркова, Г.С.Сухобская, К.Г.Тротт, Р.М.Шерайзин ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар асарҳои О.А.Абдуллин, Н.Ф.Гонобалин, Р.А.Жилтсов, Г.В.Кондратев, Н.В.Кузмин, В.А.Сластенин, М.И.Скублова, О.А.Абдуллин, Е.С.Исаев, В.А.Кан-Калик, Н.В.Кузмин, Л.Ф.Спирин, И.Шербаков ва дигарон марҳилаҳо, сатҳҳо, шароити мутобиқшавии касбии омӯзгори ҷавон, мушкилоти такмили ихтисоси омӯзгорон баррасӣ гардидааст.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (198 номгӯй) иборат буда, 176 саҳифаи компютериро фаро мегирад. Дар диссертатсия 13 ҷадвал ва 12 расм ҷой дода шудааст.

Паҳлуҳои асосии диссертатсия, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, вазифаҳо, объект, предмет, навгонии илмӣ, асоси методологӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, муқаррароти асосии дифоъ, пойгоҳи экспериментали, давраҳои таҳқиқот ва саҳми шахсии муҳақиқ, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқ, сохтор ва ҳаҷми рисола дар автореферат инъикос ёфтааст, ки пурра ба итмом расидани таҳқиқотро шаҳодат медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– ошкор сохтани хусусиятҳои махсуси ташаккули муошировати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани тамоюли рӯоварии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошировати педагогӣ дар раванди ташкили корҳои таълимию тарбиявӣ;

– муайян намудани қобилияти омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошировати педагогӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– тарҳрезии барномаи махсуси педагогӣ ҷиҳати дар омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани муошировати педагогӣ бо хонандагон;

– тарҳрезии амсилаи илмии мутобиқсозии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошировати педагогӣ, ки аз се қисмати ба ҳам алоқаманд иборат аст: муайян кардани ҳадафҳо; принсипҳо, зинаҳо, шартҳо; баҳодиҳӣ (сатҳи нишондиҳандаҳо);

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

Амсилаи мутобиқсозии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошировати педагогӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

1.Ташкили раванди муошират педагогӣ ҳамчун омили мутобиқшавӣ дар асоси ягонагии муносибати ба шахсият ва касбият нигаронидашуда;

2.Муносибати шахсӣ дар ташаккули худогоҳии шахсӣ ва касбӣ ҳангоми амалисозӣ ва ғанигардонии таҷрибаи шахсии муошират омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ инъикос меёбад. Воридкунии мақсадноки омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи омодагии онҳо ба касби омӯзгорӣ такмил ёбад;

3.Барномаи педагогии ташаккули муоширати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ метавонад ҳамчун низоми бомароми тайёрии касбии омӯзгорон хидмат кунад;

4.Ташаккули муоширати педагогӣ имкон медиҳад, ки дар омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ малакаҳои худтакмилдиҳӣ, худруштдиҳӣ, одат намудан ва мавқеи худро пайдо намудан дар коллектив ва мутобиқ гардидан бо муҳити иҳотакардашуда ташаккул ёбад.

**Асоси назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:**

– мавқеи самараноки истифодаи шаклу усулҳои самараноки корҳои тарбиявӣ, дарки ҷузъҳои таркибии муоширати педагогӣ бо мактаббачагони хурдсол аз ҷониби омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ роҳандозӣ гардидааст;

– шартҳои педагогии ташаккули муоширати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ вобаста ба таҳсилоти муосир муайян карда шуданд;

– мақсади асосии тамоюли рӯоварии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявӣ муайян карда шудааст;

– дар ҷараёни ташкилу ба роҳ мондани корҳои таълимию тарбиявӣ аз технологияи пешқадами инноватсионӣ барои мукаммал намудани таъсирбахшии муошırати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ тадбирҳои судманд андешида шудааст.

**Асосмандӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ, аз ҷиҳати методологӣ асоснок будани муқаррароти ибтидоӣ, маҷмуи методҳои истифодашуда, ки ба мақсад ва вазифаҳои ибтидоии таҳқиқот мувофиқат мекунанд, тасдиқи таҷрибавии фарзияҳои пешниҳодшудаи таҳқиқот, таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотро таъмин менамоянд.

Муқаддимаи рисола ба кулли меъёрҳои таълифи муқаддимаи корҳои илмӣ, ба вижа рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар боби якуми диссертатсия **«Масъалаи баланд бардоштани самаранокии омодасозии омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ дар раванди муошırати педагогӣ»** ҷанбаи педагогии масъалаи мутобиқгардонии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ, муошırати педагогӣ ва нақши он дар мутобиқшавии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ва шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ таҳлилу натиҷагирӣ карда шудааст.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки бисёре аз омӯзгорони ҷавон барои барқарор кардани тамос ва таҷрибаи кор бо хонандагон мушкилӣ мекашанд, чунки барпо кардани ҳамкориҳои боандеша бо хонандагон дар кори педагогӣ мушкил аст. Ҳамзамон, фаҳмидани ҳолати руҳии кӯдакон ва ҳавасмандии психологии рафтори онҳо душвор аст.

Амсилаи таҳия намудани унвонҷӯ оид ба мутобиқсозии омӯзгорон ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ аз ҷузъҳои зерин иборат мебошад: **донишҳо:** методологӣ; **психологӣ-педагогӣ:** доштани малакаҳои муошırат; **омодагии психологӣ ва педагогӣ:** дониш, малакаи психологӣ ва педагогӣ доштан; **сифатҳои шахсӣ:** пурдонӣ, боодобӣ, маҳорати бо

дигарон робита барқарор кардан, ухдабарой, меҳрубонӣ, боназокатӣ, таҳаммул, ташаббус, дилсӯзӣ, холисӣ, некбинӣ, беғаразӣ; **омилҳои педагогӣ:** талабот ба фаъолияти робитавӣ, нишондод ба муошırати инсондӯстӣ бо мактаббачагон ва омӯзгор, бо хонандагон ва ҳамдигар; **омилҳои психологӣ ва педагогӣ:** муносибати субъектӣ-субъектии хонандагони синнусоли мактабӣ ва омӯзгорони ҷавон дар фаъолияти таълимӣ (рафоқат, ҳамкорӣ); **ҳолати омодагии донишҷӯён ба муошırати педагогӣ; ҳамкорӣ байни иштирокчиёни раванди педагогӣ:** боваринокӣ; алоқаи воқеии психологӣ; фаҳмиш; фароҳам овардани фазои аз ҷиҳати психологӣ мусоид дар синф. Муаллим амсилаҳои таҳия намудаи худро аз ҷиҳати назариявӣ ва таҷрибавӣ асоснок кардааст.

Дар боби дуюми диссертатсия **ҷамъбасти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккул додани омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ** натиҷагирӣ карда шудааст.

Унвонҷӯ барои таҳлилу натиҷаҳои озмоиш вазифаҳои зеринро муайян ва ҳал кардааааст: муайян намудани дараҷаи тайёрии омӯзгорон дар асоси дарки пурраи фаъолияти касбӣ-педагогӣ дар раванди муошırати педагогӣ; мушаххасан аниқ намудани омодагии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии шаҳру деҳоти Кӯлоб; ба роҳ мондани чорабиниҳо барои мушаххас намудани омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти касбӣ-омӯзгорӣ дар раванди муошırати педагогӣ; санҷидани натиҷаҳои амсилаи низоми тайёр намудани омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ бо фаъолияти касбӣ-педагогӣ дар раванди муошırати педагогӣ; баланд бардоштани шавқу рағбати омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти педагогӣ дар раванди муошırати педагогӣ.

Масъалаи баланд бардоштани самаранокии омодасозии омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ дар раванди муошırати педагогӣ шароитҳои заруриро барои омодасозии ҳақиқии омӯзгорони болаёқату донишманд ҳамчун шахсияти дорои дониш, малака, маҳорат ва таҷрибаи хуби омӯзгоридошта муҳайё месозад. Омӯзгори ҷавон, пеш

аз ҳама, худ бояд аз таърихи гузаштаи миллати худ, фарҳанги миллии хеш бохабар бошанд ва ҳамрадифи рушду тараққӣ ва пешрафти илму техника ва технологияи навин бошад.

Пеш аз ҳама, зарур аст, ки барои таҷдиди таҷрибаи педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ фароҳам овардани шароити мусоид шарти зарурӣ буда, онҳо худ бояд ватандӯсту ватанпарвар, донишманду аз ҷиҳати илмӣ мусаллаҳ ва дар руҳияи хештаншиносию худогоҳии миллӣ ҳаматарафа тарбиядида бошанд.

Яке аз шартҳои муҳими ба муоширати педагогӣ омода намудани омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ин дар онҳо тарбия намудани фаъолнокӣ, уҳдабароӣ ва намунаи ибрат будан дар ҳалли мушкилоти бамиёномада ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар маводи нашрнамудаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 16 мақола ва 1 монография нашр шудааст, ки аз онҳо 8 мақола дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисола камбудию норасоиҳои зерин низ ба назар мерасанд:

1. Унвонҷӯ мақсади таҳқиқотро "Таҳия ва аз ҷиҳати назариявию методӣ асоснок намудани раванди иттилоотикунонии таҳсил ҳамчун самти асосии навсозӣ дар таҳсилот" муайян намуда ба он ноил ҳам гардидааст, аммо хуб мешуд доираи таҳқиқот андак маҳдудтар гирифта мешуд.

2. Унвонҷӯ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ таваҷҷуҳи кам додааст. Дар феҳрист танҳо 20% адабиёти истифодабурдаро адабиёти ватанӣ ташкил медиҳад;

3. Диссертатсия ва автореферат аз ҷиҳати мазмун, услуб ва тозагии забони тоҷикӣ дар сатҳи баланд таҳия гардидаанд, аммо

ҳангоми банду басти ҳошияҳо, мавқеи бобҳо, баъзе иштибоҳоти техникӣ дида мешавад.

Эродҳои овардашуда ба арзиши волои назариявию амалии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Давлатов Миралӣ Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» ба бандҳои 67, 69,71 ва 72-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

Мудири кафедраи ҳуқуқи байналмиллалӣ
ва иқтисодӣ Донишгоҳи давлатии Данғара,
номзади илмҳои педагогӣ Гулзода Наҷиба А.
8.09.2022

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Данғара, куч. Марказӣ 34/3;
тел. (+992 888 84 63 63)
gulzoda_n.a.87@mail-ru.

Имзои Гулзода Н.А.-ро тасдиқ мекунам.
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус дар
Донишгоҳи давлатии Данғара Ҷаббори Н.Ҷ.